## ТАҚРИЗИ МУҚАРРИЗИ РАСМӢ

**ба рисолаи илмии Исозода Файзиддин Исо дар мавзуи «Ҷавобгарии ҷинояти барои ғайриқонунӣ ба даст овардани иттилоот: проблемаҳои назариявӣ ва амалӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 5.5.8 – Ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ**

**Мутобиқати мавзуъ ва муҳтавои диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ.** Рисолаи илмии Исозода Файзиддин Исо дар мавзуи «Ҷавобгарии ҷинояти барои ғайриқонунӣ ба даст овардани иттилоот: проблемаҳои назариявӣ ва амалӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 5.5.8 – Ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ, ки аз рӯйи он ба Шурои диссертатсионӣ мувофиқи фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз санаи 01.04.2022 №95/шд ва 25.10.2024 №407/шд ҳуқуқи қабули диссертатсияҳо барои ҳимоя дода шудааст, мувофиқат мекунад.

**Мубрамии мавзуи таҳқиқот.** Тамоюли фаъолона ҷорӣ намудани технологияҳои иттилоотӣ, дар ҳамаи соҳаҳои ҳаёт ва фаъолияти инсонӣ бо назардошти дастовардҳои бузурги иттилоотию технологӣ, ҷомеаи ҷаҳониро бо ҷаҳонишавии проблемаҳои ғайриқонуни ба даст овардани иттилоот рӯ ба рӯ намудааст.

Маврид ба зикри хос аст, ки дар айни замон технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ (минбаъд ТИК) дар соҳаҳои гуногуни ҳаёт ҷорӣ шуда, ба манфиат ва такмили кори ин соҳаҳои ҳаётан мухим истифода мешаванд. Чунин технологияҳо ба тарзи зиндагӣ, таҳсил ва кори одамон таъсири мусбат мерасонанд. Имрӯз ғайриқонунӣ ба даст овардани иттилоот дар кишварҳои Осиёи Марказӣ яке аз хатарноктарин навъҳои ҷиноят ба шумор меравад. Зеро он метавонад, иттилоотӣ молиявӣ ва

махфӣ, таҷҳизоти техникии идоракунии кайҳонӣ, нерӯгоҳҳои атомӣ, комплексҳои ҳарбӣ ва ғайра бошанд.

Сарфи назар аз бартариҳои зиёди ТИК-ии муосир онҳо шароити наверо фароҳам овардаанд, ки ба содир намудани ҷиноятҳо дар сатҳи миллӣ ва байналмилалӣ таъсир мерасонанд. Ба таври васеъ ҷорӣ намудани технологияи иттилоотӣ ба тамоми соҳаҳои ҳаёти инсон таъсири калон расонида, ба инсоният имкониятҳои нав пайдо мекунад. Аммо, дар баробари ин, ба истилоҳ иттилоотсозӣ як қатор мушкилоти навро низ ба бор меорад. Ҳамин тавр, дар баробари ҷорӣ намудани технологияҳои иттилоотӣ табодули ҷиноятҷорӣ ба амал омада, гузариши он ба фазои маҷозӣ мушоҳида мешавад. Даромади ҷинояткорони марбут ба истифодаи ғайриқонунии ТИК дар ҷаҳон пас аз тиҷорати маводи мухаддир ва силоҳ дар ҷойи сеюм қарор дорад. Ин ба пайдоиши як намуди нави фаъолияти ҷиноятӣ, аз қабили ғайриқонунӣ ба даст овардани иттилоот, ки дар марҳалаи ҳозира ба сатҳи хеле баланд расидааст, мусоидат намуд.

Ҳамчунин, қобили зикр аст, ки рушди босуръати технологияҳои иттилоотӣ ва фазои маҷозӣ генезиси доимии ғайриқонунӣ ба даст овардани иттилоотро асоснок намуда, зарурати таваҷҷӯҳи ҷиддиро ба ин самт ҳам аз ҷониби давлат ва мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва ҳам ҷомеаи илмӣ тақозо мекунад. Имрӯз ғайриқонунӣ ба даст овардани иттилоот як мушкилоти ҷиддӣ ба ҳисоб рафта, метавон афзоиши босуръати онро дар тамоми бахшҳои муносибатҳои ҷамъиятӣ қайд намуд. Лозим ба ёдоварист, ки сарфи назар аз теъдоди нисбатан зиёди нашрияҳои илмӣ дар ин самт, ки нисбатан кирдорҳои нав ба ҳисоб мераванд, ҳанӯз ҳам ба омӯзиши иловагӣ ниёз доранд.

Имрӯз ҳеҷ кас ба мавҷудияти чунин намуди махсуси ҷиноят шубҳа намекунад, гарчанде ки ҳанӯз дар солҳои 1990-1991 олимони соҳа мавҷудияти «ҷиноятҳо муқобили амнияти иттилоотӣ»-ро «ҳамчун ҷинояти мушаххас ба маънои ҳуқуқӣ» рад карданд. Бар зами ин, дар илм ва

амалияи ҳуқуқии кишвар набудани таҳлилҳои муфассал ва муосир дар бораи ғайриқонунӣ ба даст овардани иттилоот мушоҳида мешавад.

Тавре муаллифи рисола зикр менамояд, сол то сол ҷомеаи ҷаҳонӣ пурзӯр гаштани тамоюлҳои ҷаҳонишавиро бо мушкилоте, ки аз он бармеоянд, торафт равшантар мушоҳида мекунад. Албатта, дар шароити ҷаҳонишавӣ ва рушди ТИК таҳқиқи ҷавобгарии ҷинояти барои ғайриқонунӣ ба даст овардани иттилоот аҳаммияти махсусӣ ҳуқуқиро пайдо мекунад, зеро имрӯз дар саросари ҷаҳон давлате вуҷуд надорад, ки дучори ин кирдори барои ҷамъият хавфнок нагардида бошанд ва аз ин гуна таҳдидҳо, он ба таври кофӣ ҳифз шуда бошад.

Дастрасии ғайриқонунӣ ба иттилоот, ба фалаҷ гардидани фаъолияти муътадили бахши хусусӣ ва ҳам сохторҳои гуногуни давлатӣ оварда мерасонанд. Таҳқиқоти мазкур ҷиҳати ташаккул, нигоҳдорӣ ва истифодаи оқилонаи захираҳои иттилоотӣ, таъмини ҳуқуқу озодиҳои конститутсионии инсон ва шаҳрванд ба сирри шахсӣ ва оилавӣ, мукотибот ва гуфтугӯҳои телефонӣ шароити мусоид фароҳам оварда, барои такмили Консепсияи амнияти иттилоотии Ҷумҳурии Тоҷикистон, манбаи зарурӣ ифода мегардад.

**Дараҷаи навгонии натиҷаҳои дар диссертатсия ба дастомада ва нуктаҳои илмие, ки барои ҳимоя пешниҳод мешаванд.** Таҳқиқоти илмии Исозода Файзиддин Исо дар мавзуи «Ҷавобгарии ҷиноятӣ барои ғайриқонунӣ ба даст овардани иттилоот: проблемаҳои назариявӣ ва амалӣ» бахшида шуда, нахустин маротиба дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба таври мушаххас таҳқиқ гардида, ҷиҳати ташаккули қонунгузорӣ ва илми ҳуқуқи ҷиноятӣ аҳаммияти назариявӣ ва амалиро доро мебошад.

Диссертатсия дорои дараҷаи баланди навгонӣ буда, натиҷаҳои илмии дар кор бадастомада фаҳмиши назариявӣ ва амалиро дар самти баррасишаванда васеъ мекунад ва имконият медиҳад, ки масъалаҳои нави ба проблемаҳои ғайриқонунӣ ба даст овардани иттилоот алоқаманд, ҳал

карда шаванд.

Чунин меҳисобем, ки татбиқи назариявӣ ва амалии донишҳои пайдошуда ба танзими муносибатҳои ҳуқуқи ҷиноятӣ иртиботдошта, таъсири мусбат мерасонанд.

Навгониҳои илмӣ на танҳо дар қабули хулосаҳои нав, балки дар усулҳои таҳлил, сохти методологӣ ва тарзи ба миён гузоштани масъала низ зоҳир мешаванд. Унвонҷӯ тавонистааст, бо истифода аз методҳои умумӣ-илмӣ, омӯзиши нақши технологияҳои иттилоотӣ-коммуникатсионӣ дар рушди ҷомеа ва таъсири онҳо ба ҷомеаи муосир, истифодаи бемавриди онҳо дар шароити ҷаҳонишавӣ чӣ паёмадҳо дорад, ки қаблан дар адабиёти илмии ватанӣ ба таври муназзам инъикос нашуда буданд, таҳлил намояд. Методологияи дар таҳқиқ истифодашуда шароит фароҳам овард, ки он ҳамаҷониба анҷом ёфта, пайдоиши падидаҳо ва зерпадидаҳои нав муайян карда шавад ва идеяҳои нав ҷиҳати самаранок амалӣ сохтани онҳо дар таҷриба пешниҳод карда шаванд.

Яке аз натиҷаҳои муҳими навгонии таҳқиқоти диссертатсионӣ, бо дар назардошти илми ҳуқуқи ҷиноятӣ ин пешниҳод намудани мафҳуми «ғайриқонунӣ ба даст овардани иттилоот» мебошад. Яъне, «ғайриқонунӣ ба даст овардани иттилоот – ин гирифтани иттилоот бе ризоияти шахси истифодабарандаи он, ворид гардидан ба маълумоти махфӣ, ғайриқонунӣ дастрасӣ пайдо намудан ба системаҳо, додаҳо, барномаҳо ва иттилооте, ки дар хотираи воситаҳои гуногуни техникӣ маҳфузанд».

Диссертант андешаи худро бо он асоснок менамоянд, ки бо назардошти он, ки дар айни замон миқдори зиёди маълумот: аксҳо, видеоҳо, тамосҳои хешовандон ва дӯстон, ҷойгиршавии ҷуғрофӣ, баъзе замимаҳо бо маълумоти муҳим, рамзҳо, мукотибаи шахсӣ ва ғайра дар васоити электронӣ нигоҳ дошта мешаванд, ки ҳар як соҳиби иттилоот махфияти маълумоти худро зери хатар мегузорад.

Ғайриқонунӣ ба даст овардани иттилоот ин гирифтани иттилоот бе

ризоияти шахси истифодабарандаи он, дар фазои маҷозӣ, тавассути шабакаи интернет, шабакаҳои компютерӣ, инчунин дигар воситаҳои дастрасӣ ба воситаҳои гуногуни техникӣ, дар дохили системаҳо ё шабакаҳои компютерӣ содир шудаанд, ифода мегардад. Аз рӯйи нуқтаи назари муаллиф «ғайриқонунӣ ба даст овардани иттилоот» ин тавассути истифодаи компютер ва ҳам бо истифодаи воситаҳои гуногуни технологияҳои иттилоотӣ ва шабакаҳои ҷаҳонии интернет содир мешванд. Ин таъриф ба тавсияҳои коршиносони СММ мувофиқ аст.

Як гурӯҳи коршиносон аз Созмони ҳамкории иқтисодӣ ва Рушд (OECD) дар соли 1986 таърифи ин кирдори барои ҷамъият хавфнокро ба маънои «ҳама гуна рафтори ғайриқонунӣ, ғайриахлоқӣ ё беиҷозат, ки ба коркард ва ё интиқоли иттилоот таъсир мерасонад», пешниҳод кардаанд.

Дар таҳқиқоти диссертатсионӣ, унвоҷӯ иброз менамояд, ки ғайриқонунӣ ба даст овардани иттилоот, метавонад оқибатҳои дигари вазнинтарро ба бор орад, бинобар ин, муаллиф пешниҳод намудааст, ки қисми 3-юми моддаи 301 КҶ ҶТ дар таҳрири зайл ифода карда шавад:

д) боиси нобудшавӣ ва ё басташавӣ, иттилоот гардида бошад;

е) аз ҷониби шахсе, ки аз мақоми хизматиаш истифода мебарад, ҳамзамон аз ҷониби шахсе, ки ба компютер ва технологияҳои гуногунӣ иттилоотию коммуникатсионӣ ё шабакаи онҳо дастрасӣ дошта бошад, содир шуда бошад.

Дар воқеъ, истифодаи ваколатҳои мансабӣ ё касбии шахс имкони ғайриқонунӣ эътироф намудани дастрасӣ ба иттилооти компютериро истисно намекунад. Ин аз он шаҳодат медиҳад, ки ҳуқуқи шахс барои дастрасӣ ба иттилооти дар компютер буда хусусияти умумӣ надошта, танҳо дар робита бо асосҳои меъёрӣ-ҳуқуқӣ ба вуҷуд меояд.

Унвонҷӯ ба маврид зикр менамояд, ки ғайриқонунӣ ба даст овардани иттилоот бори аввал, тахминан, дар охири солҳои 60-ум ва ибтидои солҳои 70-ум ба соҳаи назорати иҷтимоии як қатор кишварҳои хориҷӣ, ки

технологияи иттилоотию коммуникатсионӣ дар бахшҳои гуногуни ҷомеа хеле маъмул буд, ворид гардид.

Дар тули 15-20 соли охир дар натиҷаи компютеркунонии фаъолияти идоракунӣ ва молиявию тиҷоратӣ намудҳои нави ҷиноятҳо пайдо шуданд, ки дар асоси таҷрибаи истилоҳоти ҳуқуқӣ ҳамчун ғайриқонунӣ ба даст овардани иттилоот маъруф гардида, ин гуна ҷиноят бо мурури замон ба таври назаррас барзиёд содир шуда, аз доираи назорати мақомоти ваколатдори мақомоти ҳифзи ҳуқуқ берун рафтааст. Яке аз пурқувваттарин ниҳоди рушд ва паҳншавии ғайриқонунӣ ба даст овардани иттилоот шабакаи ҷаҳонии интернет гардид. Интернет ба далели дастрас будан ва паҳншавии босуръаташ ба фазои мусоид барои содир кардани ҷиноятҳои гуногун табдил ёфтааст.

**Асоснокӣ ва эътимоднокии хулосаҳо ва тавсияҳои дар диссертатсия зикршуда.** Асоснокӣ дар натиҷаи таҳқиқоти диссертатсионӣ таъмин шудааст. Ҳар як хулоса бо далелҳои таҳқиқӣ, мисолҳои амалӣ ва таҳлилҳои муфассал анҷом дода шудааст. Дар таҳқиқоти мазкур барои таъмини эътимоднокии натиҷаҳо як қатор чораҳо андешида шуданд: истифодаи усулҳои таҳқиқи санҷидашудаи илмӣ, ҷамъоварии маълумот аз манбаъҳои аслӣ ва боэътимод, ва таҳлили амалиётӣ бо истифодаи методологияи статистикӣ.

Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот дар он зоҳир мегардад, ки асарҳои нашршудаи муаллифро омӯзгорони муассисаҳои таълимӣ ва мақомотҳои ҳифзи ҳуқуқи кишавар, аз ҷумла дар Академияи Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон, факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, Донишгоҳи славянии Тоҷикистон ва Русия, Маркази миллии қонунгузории назди Президенти ҶТ, шуъбаи мубориза бо ҷиноятҳои кибернетикии Прокуратураи генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон, шуъбаи экспертизаи судии техникаи-компютерӣ ва видео-овозшиносии Маркази ҷумҳуриявии экспертизаи судӣ ва криминалистии

Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳангоми хондани лексияҳо ва гузаронидани машғулиятҳои семинарӣ (амалӣ) бо донишҷӯён, магистрантҳо ва аспирантҳо, ҳангоми такмили ихтисоси кормандони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ истифода мебаранд. Ҳамзамон, эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот дар ҳақиқӣ будани дониши ҳосилшуда, мантиқӣ будани таҳқиқот, усул ва вазифаҳои он, инъикоси воқеии ҷавобгарии ҷиноятӣ барои ғайриқонунӣ ба даст овардани иттилоот тибқи қонунгузории ҶТ, таҳлили захираҳои илмию амалии соҳавӣ, амалисозии натиҷаҳои он, инчунин мутобиқати диссертатсия ба талаботҳои муқарраршуда, ифода мегардад.

Тавсияҳои дар диссертатсия овардашуда барои мукаммалгардонии қоунунгузории амалкунандаи ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон, фаъолияти мақомотҳои ҳифзи ҳуқуқ, дар ин самт истифода карда мешаванд. Дар маҷмӯъ, натиҷаҳои таҳқиқ бо назардошти усулҳои илмию амалӣ ва таҳлили методологӣ, асосонок ва эътимоднок арзёбӣ карда мешаванд ва барои истифода дар рушди илмӣ ҳуқуқи ҷиноятӣ асоснок мебошанд.

**Аҳаммияти илмӣ, амалӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоии диссертатсия**. Аҳаммияти илмӣ ва амалии таҳқиқот дар он ифода мегардад, ки хулосаҳои назариявиро, ки дар натиҷаи таълифи таҳқиқоти диссертатсионӣ ба даст оварда шудаанд, метавон дар омӯзиши минбаъдаи масъалаҳои назариявӣ ва амалии ҷавобгарии ҷинояти барои ғайриқонунӣ ба даст овардани иттилоот дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар давлатҳои хориҷ истифода бурд.

Натиҷаҳои таҳқиқот дар фаъолияти қонунгузорӣ ва мақомоти ҳифзи ҳуқуқ (КДАМ, Вазорати корҳои дохилии ҶТ, Прокуратураи генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати адлияи ҶТ) ва судҳо метавонанд истифода карда шаванд. Ғайр аз ин, ба мақсад мувофиқ аст, ки натиҷаҳои таҳқиқот ҷиҳати мукаммалгардонии фаъолияти мақомоти ҳифзи ҳуқуқ дар самти таъмини амнияти иттилоотӣ аз ҳамлаҳои киберӣ, дар шароити ҷаҳонишавӣ

истифода бурда шавад.

**Нашри натиҷаҳои диссертатсия дар маҷаллаҳои тақризшавандаи илмӣ.** Оид ба муҳтавои диссертатсия муаллиф 12 мақолаи илмӣ, аз ҷумла 3 мақола дар нашрияҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва 9 мақола дар нашрияҳои дигар бо забонҳои тоҷикӣ ва русӣ интишор шудаанд. Ин нашрияҳо саҳми муассир ва дастгирии равандҳои илмии таҳқиқоти мазкурро таъмин менамоянд. Маврид ба зикри хос аст, ки теъдоди маводи чопшуда ба талаботи банди 35-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ гардидааст, пурра мувофиқат мекунад. Ин ба он ишора мекунад, ки муаллиф тамоми меъёрҳои расмӣ ва ҳуқуқиро риоя намуда, натиҷаҳои таҳқиқоти худро дар шакли илмӣ ва эътирофшуда ба табъ расонидааст.

**Ҳаҷм ва сохтори диссертатсия.** Диссертатсия аз муқаддима, се боб, хулоса, тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқот ва феҳристи интишороти илмии довталаби дараҷаи илмӣ иборат буда, ҳаҷми умумиаш 195 саҳифаро ташкил медиҳад, ки дар он масалаҳои мавриди таҳқиқ қарордошта ба низом ва пайдарпайи бо риоя намудани усулҳои илмӣ-таҳқиқотӣ мавриди таҳқиқоти илмӣ қарор дода шудааст.

Дар муқаддима аҳаммияти мавзӯи таҳқиқ асоснок карда шуда, дараҷаи омӯзиши масъала, объект ва предмети таҳқиқ, мақсад ва вазифаҳо, асосҳои назариявию методологӣ, навгониҳои илмӣ ва аҳаммияти назариявию амалии натиҷаҳои бадастомада ба таври возеҳ муайян гардидаанд.

Дар боби якум «Таҳлили таърихӣ - муқоисавии ҷавобгарии ҷиноятӣ барои ғайриқонунӣ ба даст овардани иттилоот», унвонҷӯ масъалаҳои ташаккули қонунгузории ҷиноятӣ вобаста ба ғайриқонунӣ ба даст овардани иттилоот дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, мафҳум ва хусусиятҳои ғайриқонунӣ ба даст овардани иттилоот, таҳлили муқоисавӣ-ҳуқуқии ғайриқонунӣ ба даст

овардани иттилоот, тибқи қонунгузории ҷиноятии давлатҳои хориҷӣ дур ва наздикро мавриди омӯзиш ва таҳқиқоти илмӣ қарор додааст.

Рисоланавис дар ин боб иброз намудааст, ки таърихи ташаккули қонунгузории ҷиноятӣ вобаста ба ғайриқонунӣ ба даст овардани иттилоот давраҳои тулониро фаро намегирад, зеро содиршавии он ба ташаккули технологияҳои иттилоотию коммуникатсионии электронӣ вобастагии зиёд дорад аз ин лиҳоз метавон ташаккули қонунгузории ҷиноятиро дар ин самт маҳз аз соли 1917 бо муқаррар гардидани ҷавобгарии ҷиноятӣ барои интиқол додан ё нигоҳ доштани иттилои дорои сирри давлатӣ бо мақсади додани онҳо ба давлатӣ хориҷӣ, ишора намуд (саҳ. 32-33 диссертатсия).

Дар боби дуюм рисоланавис ба аломатҳои объективии ғайриқонунӣ ба даст овардани иттилоот таваҷҷуҳ намудааст. Ӯ иброз менамояд, ки агар объекти ҷинояти таҳлилшавандаро васеътар шарҳ ва ё ҳамчун зуҳуроти мураккаб баррасӣ шавад, он гоҳ ҳамчун маҷмуи муносибатҳои ҷамъиятие, ки амнияти иттилоотиро таъмин мекунанд, объекти он муайян карда мешавад.

Ба сифати предмети ғайриқонунӣ ба даст овардани иттилооти компютерӣ инҳо баромад карда метавонанд: иттилооти компютерӣ; компютер ва қисмҳои он, ки иттилоот дар он нигоҳ дошта мешавад; барномаҳои компютерӣ, ки иттилоотро маҳфуз нигоҳ дошта метавонанд; шабакаҳои техникии алоқавӣ ва шабакаҳои иҷтимоӣ (саҳ. 96-100 диссертатсия).

Дар боби сеюм унвонҷӯ ба аломатҳои субъективии ғайриқонунӣ ба даст овардани иттилоот диққат додааст. Асоснок намудааст, ки ба сифати субъекти ғайриқонунӣ ба даст овардани иттилоот шахси вокеии мукаллафи ба синни 16 расида, ки дар системаи автоматикунонидашуда ё шабакаи автоматикунонидашуда кор мекунад ё аз хизматрасониҳои онҳо истифода мебарад, вале ҳуқуқи кор кардан бо иттилооти муайянро надорад ё шахси бегона мебошад. Зеро субъекти ин ҷиноят ба истиснои аломатҳои умумӣ боз аломатҳои махсуси худро дорад, яъне дорои дониши махсус бошад,

истифодабарандаи қонунӣ бошад ё ҳуқуқи истифодаи ғайриқонуниро надошта бошад, дар гуноҳи ӯ қасди бевосита ҷой дошта бошад (саҳ. 151-158 диссертатсия).

Дар қисми хулосавии таҳқиқот Исозода Ф.И., иброз менамояд, ки дар ҳамаи Кодексҳои ҷиноятии ҶШФСР солҳои 1922 ва 1926, Кодекси ҷиноятии ҶШС Тоҷикистон аз соли 1935 ва КҶ ҶШС Тоҷикистон соли 1961, сарфи назар аз он ки меъёрҳои ҳаммонанд дар бораи ғайриқонунӣ ба даст овардани иттилоот дар моддаҳои алоҳида ҷойгир бошанд ҳам, вале мазмуни онҳо кариб, ки аз якдигар тафовут надорад. Дар ҳамаи онҳо тарафи объективӣ дар намуди дуздидан, интиқол додан ё нигоҳ доштани иттилои дорои сирри давлатӣ бо мақсади додани онҳо ба давлати хориҷӣ, пешбинӣ гардида, ба хулосае омадааст, ки дар моддаи 301 КҶ ҶТ калимаҳои «нусхабардории қасдани ғайриқонунӣ» ва «бо дигар усули ғайриқонунӣ» ҳар ду як маънoро ифода мекунанд. Нусхабардории ғайриқонунӣ як усули ғайриқонунӣ ба даст овардани маълумот мебошад. Пас дар алоҳидагӣ дар диспозитсияи моддаи 301 КҶ ҶТ овардани он (нусхабардории ғайриқонунӣ) шарт нест ва дар ҷойи ин ду ибора «ғайриқонунӣ ба даст овардани иттилоот» истифода шавад мувофиқи мақсад мебошад.

Истинодҳо, рӯйхати адабиёт ва нашрияҳо бо риояи меъёрҳои илмӣ тартиб дода шудаанд.

**Автореферат** фишурдаи диссертатсия буда, дар умум мафҳум ва моҳияти диссертатсияро мекушояд.

**Бо вуҷуди баҳои мусбии кор дар диссертатсия баъзе масъалаҳои норавшан ба назар мерасанд, ки аз нигоҳи илмӣ баҳснок мебошанд ва онҳоро ба таври зайл нишон додан мумкин аст:**

1. Унвонҷӯ дар нуқтаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда бори аввал мафҳуми ғайриқонунӣ ба даст овардани иттилоотро пешниҳод намудааст, ки тибқи он: ғайриқонунӣ ба даст овардани иттилоот – ин гирифтани иттилоот бе

ризоияти шахси истифодабарандаи он, ворид гардидан ба маълумоти махфӣ, ғайриқонунӣ дастрасӣ пайдо намудан ба системаҳо, додаҳо, барномаҳо ва иттилооте, ки дар хотираи воситаҳои гуногуни техникӣ маҳфузанд, ифода гардидааст (саҳ. 14 диссертатсия).

Ақидаи иброзшуда баҳснок мебошад, зеро рушди босуръати технологияҳои иттилоотӣ ва фазои маҷозӣ пайдоиши доимии ин ҷиноятро асоснок намуда, зарурати таваҷҷуҳи махсусро ба ин самт ҳам аз ҷониби давлат, мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, ҷомеаи илмӣ тақозо мекунад аз ин лиҳоз мафҳуми пешниҳод намудаи муаллиф нисбатан маҳдуд аст. Мувофиқи мақсад мебуд, ки мафҳуми ғайриқонунӣ ба даст овардани иттилоот аз ҷиҳати мазмун, моҳият, тарзи содиршавӣ, барои ҷамъият хавфнокӣ, гунаҳгорона ва зидди ҳуқуқи будан баррасӣ мегардид.

2. Муаллиф дар зербоби сеюми боби якум, таҳлили муқоисавӣ-ҳуқуқии ғайриқонунӣ ба даст овардани иттилоотро тибқи қонунгузории ҷиноятии давлатҳои хориҷа ба риштаи таҳлил кашида, иброз менамояд, ки гуна ҷиноят ҷомеаи ҷаҳонро фаро гирифта ба амнияти иттилоотӣ, ки ҷузъи таркибии амнияти миллӣ мебошад таҳдид менамояд (саҳ. 53-58 диссертатсия). Аммо, унвонҷӯ масъалаи ҷавобагарии ҷиноятӣ барои ғайриқонунӣ ба даст овардани иттилоотро аз ҳисоби давлатҳое, ки дар самти техникаю технологияи муосир пешсафанд, меъёрҳои мувофиқу зарурӣро пешбинӣ кардаанд ва аз лиҳози таъмини амнияти иттилоотӣ дар раддабандии Ташкилоти телекоммуникатсияи назди СММ қарор доранд, аз ҷумла қонунгузории ҷиноятии Великобритания, Арабистони Саудӣ ва Эстонияро таҳқиқ накардааст. Зеро дар ҷаҳони рақамии имрӯза, ғайриқонунӣ ба даст овардани иттилоот, таҳдиди асосӣ барои рушди иқтисодии ҷаҳонӣ ифода гардида, татбиқии амалии таҷрибаи ин давлатҳо барои мукамал намудани КҶ ҶТ замина мегузорад.

3. Муаллиф дар зербоби якуми боби дуюм, объекти ғайриқонунӣ ба даст овардани иттилоотро ба риштаи таҳлил кашида, объекти ҷинояти

мазкурро ба объекти асосӣ ва иловагӣ ҷудо намудааст, муаллифро зарур аст, ки дар раванди ҳимояи ошкоро мавқеашро нисбати ин таснифбандӣ аз рӯйи хусусиятҳо он, асоснок менамуд.

Эродҳое, ки дар боло зикр шуданд, аз лиҳози илмӣ мубоҳисавӣ буда, ба комил будани рисолаи номзадии Исозода Файзиддин Исо таъсири манфӣ намерасонанд. Онҳо аз он шаҳодат медиҳанд, ки масъалаҳои баррасинамудаи муаллиф мубрам буда, метавонанд диққати муҳаққиқонро ба худ ҷалб намояд, ки он хоси гузаронидани таҳқиқоти илмӣ мебошад.

**Мутобиқати баррасмиятдарории диссертатсия ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон.** Диссертатсияи Исозода Файзиддин Исо дар мавзуи «Ҷавобгарии ҷинояти барои ғайриқонунӣ ба даст овардани иттилоот: проблемаҳои назариявӣ ва амалӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 5.5.8 – Ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ мансуб аст. Таҳқиқоти илми дар доираи талаботи бандҳои 31, 33, 34 ва 35 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, № 267 ва бо тағйиру иловаҳои 26 июли соли 2023, №295 тасдиқ шудааст, таҳия гардида пурра мутобиқати ҳуқуқӣ ва меъёрии давлатии талаботи академиро таъмин менамояд. Диссертатсия кори илмӣ-тахассусии анҷомёфта буда, аз ҷониби унвонҷӯ мустақилона таҳия шуда, сатҳи навгонӣ ва дар шароити ҷумҳурӣ татбиқшаванда буданро дорад. Ҳамаи бобҳо ва бахшҳои таҳқиқот ҳамоҳангӣ ва мутобиқатро бо принсипҳои систематикии илмӣ таҷассум мекунанд. Натиҷа ва нуктаҳои илмии ба ҳимоя пешниҳодшуда метавонанд дар назарияи ҳуқуқи ҷиноятӣ, такмили қонунгузорӣ ва раванди таълим дар муассисаҳои таҳсилоти олии хуқуқшиносӣ ба таври васеъ истифода шаванд, ки онҳо саҳми шахсии унвонҷӯро нишон медиҳанд.

Услуби таҳқиқот ва тарзи баёни андешаҳо дар диссертатсия нишон медиҳад, ки муаллиф дорои қобилияти таҳлилии баланд, маърифати илмӣ

ва малакаи таҳқиқотӣ мебошад.

Дар маҷмуъ, диссертатсияи Исозода Файзиддин Исо дар мавзуи «Ҷавобгарии ҷиноятӣ барои ғайриқонунӣ ба даст овардани иттилоот: проблемаҳои назариявӣ ва амалӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 5.5.8 – Ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ, дар сатҳи баланди илмӣ ба анҷом расида, пурра ба талаботи муқаррарнамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси номбурда мебошад.

**Муқарризи расмӣ:**
доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессори
кафедраи ҳуқуқи ҷиноятии факултети
ҳуқуқшиносии Донишгоҳи
славянии Тоҷикистон ва Россия Абдуҳамитов В.А.

**Суроға муқарриз:** 734064, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш. Душанбе, ноҳияи, Сино, кӯчаи Бобоҷон Ғафуров, 21
Тел: (+992) 93-581-93-18; E-mail: valijon05@mail.ru

Имзои В.А. Абдуҳамитовро тасдиқ мекунам:
Сардори Раёсати кадрҳои Донишгоҳи
Славянии Тоҷикистон ва Россия Исмоилова М.Н.

УПРАВЛЕНИЕ КАДРОВ

«26» январи 2026 с.

**Суроға:** Ҷумҳурии Тоҷикистон,
Донишгоҳи славянии Тоҷикистон ва Россия,
734000, ш. Душанбе, кӯчаи М. Турсунзода 30;
Тел: (+992) 37 221-35-50; p.rektora@mail.ru; https://www.rtsu.tj.